ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-051 пешниҳод шудааст.

Кори диссертатсионии Давлатзода Одинашо Муҳаббат ба масъалаи мубрами муосир, ки ба масъалаи омӯзиши зараррасонҳои растании анор дар қисматаи Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо алоқаманд аст, бахшида шудааст. Дар кори илмӣ қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ махсусан водии Вахш ҳамчун минтақаи омӯзиш интихоб гардида, хусусиятҳои географӣ, иқлимӣ ва экологии он ҳамаҷониба таҳлил гардидааст.

Муаллиф дар асосӣ маводди саҳроӣ солҳои 2014-2024 таркиби намудии 38 намуди зараррасонҳоро муайян намуда, онҳоро ба 2 синф, 6 қатор, 17 оила ва 28 авлод тасниф намудааст. Аз ҷониби муаллиф бори аввал 18 намди нав ҳамчун зараррасони анор ба қайд гирифта шудааст. Гарчанде таҳқиқоти илмӣ оид ба интродуксия ва омӯзиши навъҳои анор дар шароити Тоҷикистон аз солҳои 60-ум оғоз гардида бошад ҳам, аммо таҳқиқот доир ба маҷмуи зараррасонҳо яъне ҳашароту канаҳои зараррасони анор ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо анҷом дода нашудааст.

Диссертант зараррасонии оташаки анорро дар 5 навъи анор: «Озарбойҷонӣ»,«Ачик-дона»,«Дессертӣ», «Қазоқӣ–анор» ва «Сурханор», ки онҳо дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ парвариш карда мешаванд омӯхта муайян кардааст, ки зараррасонии оташаи анор якхела набуда, вобаста аз навъи анор фарқ мекунанд. Осебпазирии навъҳои анор аз оташаки анор ҳам дар боғҳо ва ҳам заминҳои наздиҳавлигӣ омӯхта ва муайян карда шудаанд.

Унвончӯ дар натиҷаи мушоҳидаҳо ва таҳлилҳояш муқаррар кардааст, ки ширинчаи анор, ки яке аз зараррасонҳои асосии макандаи анор ба ҳисоб меравад, дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ба таври васеъ паҳн шудааст ва он дар давраи нашъунамои буттаи анор вобаста аз шароити экологӣ то 14-16 маротиба насл медиҳад.

Ҳамзамон, муаллиф қайд кардааст, ки *Aphis punicae* ҳам дар марҳилаи кирминагӣ ва ҳам дар марҳилаи болиғӣ ба қисмҳои гуногуни растании анор осеб мерасонад. Муайян намудааст, ки аз ҳама бештар шумораи ширинчаи анор дар барг вомехӯрад ва шумораи ин зараррасон дар гул ва ғӯрак нисбат ба барг камтар ба мушоҳида мерасад. Ошкор кардааст, ки ба ҳисоби миёна дар яктогӣ барг 225, 8, гул 218,6 ва ғӯрак

180,3 фарди ширинчаи анор вомехӯрад.

Дар баробари ширинчаи анор – *Aphis punicae* дар бораи дигар намуди зарарасони макандаи анор кирмаки Комсток – *Pseudocaccus comstocki* Kuw дар боғҳои анор давоми 5 сол, 2018, 2019, 2020, 2021 ва 2022 мушоҳидаҳо гузаронида, муайян кардааст, ки дар 1 барг ба ҳисоби миёна 13,2, гул 20,2, ғӯрак 24,6 ва мева 7, 4 фард вомехӯрад.Омӯзиш ва муайян кардани шумораи зараррасонҳои анор аз қабили ширинчаи анор, кирмаки Комсток ва ғ. аҳаммияти калони ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Бо мақсади ҳифзи анор аз зараррасонҳо усулҳои гунонуни илман асосноккардашуда, аз ҷониби муаллиф таҷриба, таҳия, коркард ва пешниҳод гардидааст.

Дар маҷмуъ қайд менамоям, ки кори таҳқиқотии Давлатзода О.М. дар сатҳи хеле баланди касбӣ иҷро гардида, натиҷаҳои амалии бадастовардаи он дар таҳияи усулҳои мубориза бар зидди зараррасонҳои анор нақши муҳим мебозад. Мавзуи таҳқиқшуда аз рӯйи мубрамӣ, мақсаду вазифа, ҳаҷм ва аҳаммияти назариявию амалӣ доштани натиҷаҳои диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.Зоология сазовор аст.

Тақризиҳанда:
номзади илмҳои биологӣ (аз рӯйи ихтисоси
03.02.04 – Зоология), котиби илмии Муассисаи
давлатии “Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии
хоҷагии ҷангал”-и Агентии хоҷагии ҷангали
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Х.М.Талбонов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
хиёбони С.Шерозӣ, х.22 ут.72 .
Тел.: (+992) 93 333-10-06;
E- mail: talbonov2026@mail.ru

Имзои Х.М. Талбоновро тасдиқ менамоям:
нозири кадри МДПИТХҶ М.Х. Муминова

Суроғаи муассиса: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, н.Сино к.Балъамӣ 9/1
Тел.: +992 (372) 231-08-74

«17» 11 2026 с.